**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзуи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ**

Ба миён омадани талаботи нав ба маҳорати касбии инсон, воситаҳои фаъолияти касбӣ, иттилоотикунонӣ ва технологиякунонии таҳсилот ҳамчун равандҳои инноватсионӣ мушкилотеро ба миён меорад, ки ҳалли онҳо омодагии заруриро аз донишгоҳҳо талаб мекунад. Тамоюли беҳтаргардонии раванди таълим дар макотиби олии Тоҷикистон бо ёрии технологияи инноватсионии муосири таълим андешидани маҷмӯи тадбирҳои таҳаввулоти равандҳои педагогиро дар асоси мавод, воситаҳо ва технологияи инноватсионӣ тақозо менамояд. Технологияҳои нави таълим натанҳо ҳамчун шарти баланд бардоштани сифати таълим, ҳамгироии бомуваффақияти низоми маориф ба фазои ҷаҳонии таҳсилот амал мекунанд, балки ба донишгоҳҳо имкон медиҳанд, ки рақобатпазирии худро дар бозори хизматрасонии таълимӣ баланд бардоранд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дар таҳқиқот мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим»-ро мушаххас карда, модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия намояд, ҳамзамон шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олиро ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим муайян карда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавиро дар баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим асоснок намояд.

Таҳлили мазмуни фишурдаи тадқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқ вобаста ба мақсади таҳқиқоти худ моҳият ва таносуби равандҳои бозомузӣ ва омодасозии омӯзгоронро муайян намудааст. Аз муқоисаи мафҳумҳо маълум гардид, ки омодагиро ҷузъи таркибии раванди бозомӯзӣ метавон ҳисоб кард. Омодасозӣ бояд омӯзгорро ҳамчун ҳолати субъективии шахсе, ки худро ба иҷрои фаъолияти муайяни касбӣ қодир ва омода медонад ва барои амалӣ гардонидани он кӯшиш мекунад, ба сатҳи омодагии омӯзгорон расонад. Раванди бозомӯзии ҳамаҷониба ба ноил шудан ба омодагии касбии объективӣ барои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ нигаронида шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда навоварии барҷастаи илмӣ ва аҳамияти назариявӣ дорад. Кор аз ҷиҳати методӣ дуруст ба роҳ монда шуда, ҳамаи натиҷаҳо ва хулосаҳо асоснок ва бо далел мебошанд.

Дар боби якуми диссертатсия муҳаққиқ перомуни ҷиҳатҳои назариявии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба инноватсионӣ намудани раванди таълим, моҳияту мундариҷаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим таҳқиқот бурда, дар боби дуюм шароити ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олиро ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян кардааст.

Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки сохтори илмии тадқиқот дуруст тартиб дода шуда, ҳадаф, объект, мавзуъ, гипотеза ва вазифаҳо бо ҳам алоқамананд ва мантиқи тамоми кори илмиро ифода мекунанд.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 20 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Федератсияи Руссия эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна тадкиқоти ба анҷом расидаест, ки натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмиро дарбар мегирад ва муаммои илмиеро, ки барои назария ва амалияи педагогикаи муосир ахамияти калон дорад, ҳал мекунад. Дар асоси таҳлили автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳқиқи диссертатсия дар мавзуи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим» ба талаботи Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» - и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, довталаб сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад.

Муовини директор оид ба тарбия
ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Ахророва Г.У.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел.: +992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj

*Имзои н.и.ф., дотсент Аҳророва Г.- ро тасдиқ менамоям.*

*Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи*
*давлатии тиҷорати Тоҷикистон* *Маҳмудов Ш.У.*

Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ... Шӯъбаи кадрҳо